# Шарҳи моҳонаи таваррум • Майи 2019

**Сатҳи таваррум[1] аз аввали соли ҷорӣ бинобар таъсири омилҳои берунӣ, таклифотӣ ва мавсимӣ (номусоидии боду ҳаво ва кам шудани кишти маҳсулоти кишоварзӣ) тамоюли болоравии худро идома дода истодааст. Дар моҳи майи соли ҷорӣ низ ин нишондиҳанда рӯ ба афзоиш дошта, ба 1,0 фоиз баробар шуд, ки нисбат ба ҳамин моҳи соли қаблӣ (майи с. 2018) ба андози 0,5 банди фоизӣ (б.ф.) зиёд мебошад.**

**Бояд қайд намуд, ки дар моҳи ҳисоботӣ асосан болоравии нархи маҳсулоти хӯроквории дида мешавад, ки бинобар зиёд гардидани талабот дар моҳи шарифи Рамазон ба вуқӯъ пайваст.**

**Дар сохтори таваррумии бавуқӯъомада афзоиш нархи баъзе аз маҳсулоти хӯроквории ба қайд гирифта шуд, ки дар маҷмӯъ 1,8 фоизро (саҳм дар таваррум 1,0 фоиз) ташкил дод.**

Дар баробари ин, болоравии нархи молҳои ғайрихӯроквории низ ба қайд гирифта шуд, ки он 0,4 фоизро ташкил дод. Нарху тарифҳои хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ бошад, дар ин моҳ раванди коҳишёбӣ дошта, ки он ба -0,6 фоиз баробар шуд.

Дар ин моҳ ба болоравии сатҳи нархҳо, асосан қиматшавии нархи баъзе аз маҳсулоти ниёзи аввалияи мардум, аз қабили гӯшти гов, гӯшти гӯсфанд, биринҷ, пиёз ва сабзӣ мусоидат намуд, ки раванди мазкур омили муваққатӣ ва гузаранда мебошад.

Дар баробари ин, дар моҳи баррасишаванда дар сохтори молҳои ғайрихӯроквории асосан болоравии нархи маводи доруворӣ ба андозаи 7,6 фоиз ба назар расид, ки дар маҷмӯъ 0,4 фоизи болоравии сатҳи умумии молҳои ғайрихӯроквориро ташкил дод.

Нарху тарифҳои хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ дар моҳи ҳисоботӣ тамоюли пастравӣ дошта, асосан аз ҳисоби арзон шудани арзиши хизматрасониҳои нақлиётӣ ба андозаи 2,5 фоиз (дар натиҷаи поён рафтани арзиши хизматрасониҳои нақлиёти ҳавоӣ 10,8 фоиз) ба вуқӯъ пайваст.

Дар натиҷа, сатҳи таварруми солона (дар 12 моҳи охир) дар моҳи майи соли 2019 тамоюли болоравӣ дошта,

**Таварруми моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Таъсири омилҳои мавсимӣ ва берунӣ ба таваррум, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таваррум, бо % солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



8,8 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба моҳи қаблӣ 0,5 б.ф. зиёд мебошад.

Сатҳи таварруми аслӣ** дар моҳи майи соли ҷорӣ 0,3 фоизро[2] ташкил дода, бо арзёбии солона ба 3,0 фоиз[3] баробар шуд. Ба ин нисбатан муътадил будани сатҳи нархи молҳои ғайрихӯрокворӣ (либос ва пойафзол, маҳсулоти таъмир ва сохтмон, маводи шустушӯй, лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ) бештар саҳмгузорӣ намуданд.

**Тибқи таҳлилҳо тамоюли болоравии сатҳи таваррум бо дарназардошти “эффекти базавӣ” ва таъсири омилҳои берунию мавсимӣ муваққатӣ арзёбӣ гардида, дар нимсолаи дуюм ба раванди муътадилии худ бармегардад ва интизор меравад, ки то интиҳои сол дар ҳудуди муқарраршудаи нишондиҳандаи мақсаднок ҷамъбаст хоҳад шуд.**

**Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади бартараф намудани фишорҳои иловагӣ ба сатҳи таваррум ва то интиҳои сол ноил гардидан ба нишондиҳандаи мақсадноки пешбинишуда татбиқи босамари сиёсати пулию қарзиро идома хоҳад дод.**

**Таварруми аслӣ, бо %, солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Нишондиҳандаи мақсадноки таварруми солона барои давраи миёнамуҳлат, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




[1] - тибқи маълумоти Агентии омор
[2] - м/м – моҳ нисбат ба моҳ (тағйирёбии моҳона)
[3] - с/с – сол нисбат ба сол (тағйирёбии солона)

**Дар ҷаласаи навбатии Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон, ки 2 августи соли 2017 баргузор гардид, Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати гузариш аз низоми ҳадафгирии нишондиҳандаҳои монетарӣ ба низоми ҳадафгирии таваррум, нишондиҳандаи мақсадноки таваррумро барои давраи миёнамуҳлат муқаррар ва нашр намуд.*

**Таварруми аслӣ, ки тамоюли дарозмуддати нархҳоро бе таъсири лаппишҳои кӯтоҳмуддат инъикос менамояд, бо мақсади баҳодиҳӣ ва таҳлили ҷараёни доимии тағйирёбии сатҳи нархҳо дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Агентии омор) аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҳисоб карда мешавад. Ҳамчун яке аз қисматҳои таркибии таварруми умумӣ (намояи нархҳои истеъмолӣ) таварруми аслӣ раванди устувор ва дарозмуддати тағйирёбии нархҳоро, ки зери таъсири омилҳои талаботи дохилӣ ва монетарӣ ба вуҷуд омадааст, инъикос менамояд. Усули асосии ҳисоби таварруми аслӣ - усули истисноӣ буда, он бо роҳи хориҷ кардани номгӯи алоҳидаи маҳсулот ва хизматрасониҳои тамоюли тағйирёбии зиёдошта, ки бо тағйирёбии аслии сатҳи нархҳо алоқаманд нест, ҳисоб карда мешавад. Аз сабади намояи нархҳои истеъмолӣ номгӯи маҳсулоти бо лаппишҳои кӯтоҳмуддат ва гузарандаи аз таъсири омилҳои ғайримонетарӣ вобастабуда, аз ҷумла омилҳои таклифот (нархҳои ҷаҳонӣ, шароити табиӣ), мавсимӣ ва маъмурӣ хориҷ карда мешаванд. Яъне, дар ҳисоби таварруми аслӣ маҳсулоти хоми хӯрокворӣ, маводи сӯзишворӣ ва хизматрасониҳои маъмуран танзимшаванда ба инобат гирифта намешаванд.

## Намояи нархҳои истеъмолӣ*

| | Вазн,% | тағйирёбии солона,% | | | | | | | | | | | | | Май, тағйирёбии моҳона,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | | | | | 2019 | | | | | |
| | | | | | Январ | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Январ | Феврал | Март | Апрел | Май | |
| **Таваррум** | **100,0** | **5,1** | **6,1** | **6,7** | **6,5** | **2,5** | **1,6** | **5,0** | **5,4** | **5,6** | **6,4** | **7,8** | **8,3** | **8,8** | **1,0** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **53,1** | **3,8** | **6,4** | **7,7** | **7,3** | **0,9** | **-2,1** | **4,8** | **4,9** | **6,3** | **7,9** | **10,2** | **11,4** | **12,4** | **1,9** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 17,5 | 9,1 | -2,5 | -0,8 | -0,9 | -3,4 | -4,2 | 4,5 | 8,9 | 13,2 | 15,8 | 19,7 | 18,8 | 18,4 | 0,7 |
| Биринҷ | 2,9 | 11,6 | -9,2 | -6,9 | -7,0 | 1,9 | 8,1 | 15,8 | 19,5 | 20,7 | 21,9 | 22,1 | 25,2 | 25,4 | 3,2 |
| Орд | 10,7 | 7,8 | -3,0 | 0,3 | 0,2 | -6,0 | -8,2 | 3,9 | 9,9 | 16,0 | 18,7 | 25,3 | 22,7 | 21,4 | 0,2 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 8,3 | -10,2 | 3,7 | 13,8 | 14,0 | 13,5 | 4,9 | 6,7 | 8,6 | 9,4 | 10,2 | 10,4 | 11,4 | 14,3 | 2,2 |
| Гӯшти гов | 5,4 | -14,3 | 3,2 | 14,7 | 15,0 | 14,0 | 3,0 | 6,1 | 8,9 | 9,7 | 11,2 | 11,4 | 12,9 | 17,2 | 4,8 |
| Тухм | 1,5 | 5,5 | 12,0 | 1,0 | 0,1 | -0,6 | 0,1 | 7,7 | 3,9 | 1,8 | -2,0 | 6,6 | -3,1 | 7,8 | 11,5 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,7 | 7,3 | 0,4 | 4,4 | 3,7 | 2,3 | 3,7 | 3,4 | 4,1 | 2,6 | 2,4 | 3,1 | 3,2 | 2,0 | -1,8 |
| Шир | 0,5 | 16,1 | -7,2 | 6,3 | 6,3 | -2,2 | 0,7 | -1,4 | 1,3 | -2,1 | -1,6 | 0,0 | 2,3 | -1,6 | -3,8 |
| Равғани растанӣ ва ҳайвонот | 5,7 | 12,7 | 11,3 | 1,3 | 0,0 | -2,5 | -0,8 | 4,7 | 9,2 | 9,1 | 9,6 | 10,4 | 8,1 | 8,5 | -0,2 |
| Меваҷот | 4,3 | 12,3 | 16,7 | -1,8 | -0,3 | 6,4 | 24,2 | 18,2 | 4,0 | 2,3 | -3,0 | -4,0 | -12,2 | -16,0 | 3,1 |
| Сабзавот | 6,6 | -12,4 | 16,5 | 40,2 | 37,1 | -6,4 | -23,8 | -1,4 | -10,7 | -9,7 | -3,6 | 3,7 | 18,7 | 25,5 | 3,5 |
| Шакар | 2,4 | 19,3 | 15,0 | -6,7 | -7,3 | -10,1 | -11,2 | -11,3 | 2,7 | 4,4 | 4,5 | 5,7 | 6,3 | 6,1 | 0,4 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,3 | 13,7 | 19,9 | 1,6 | 2,7 | 0,6 | 3,3 | 3,6 | 2,8 | 2,5 | 5,4 | 5,1 | 8,3 | 6,7 | 0,4 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **0,9** | **14,9** | **19,9** | **2,7** | **2,7** | **3,9** | **3,9** | **6,9** | **8,0** | **8,0** | **6,7** | **6,7** | **8,1** | **8,1** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **1,4** | **15,9** | **11,8** | **6,2** | **6,2** | **8,0** | **4,7** | **6,4** | **5,4** | **6,5** | **4,6** | **3,8** | **3,8** | **3,5** | **-0,1** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **29,2** | **7,9** | **5,7** | **4,4** | **4,3** | **4,0** | **5,8** | **5,7** | **6,4** | **6,3** | **5,6** | **6,3** | **6,0** | **5,9** | **0,4** |
| Либос ва пойафзол | 9,7 | 9,2 | 14,5 | 9,2 | 2,5 | 3,0 | 4,9 | 4,6 | 5,6 | 14,4 | 14,3 | 14,7 | 14,4 | 14,4 | 0,3 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 3,7 | 2,2 | -0,9 | 2,4 | 2,5 | 4,9 | 6,1 | 7,0 | 7,3 | 7,8 | 5,5 | 6,0 | 5,9 | 5,2 | -0,2 |
| Маводи шустушӯй | 1,8 | 15,5 | 1,2 | 4,0 | 3,1 | 4,0 | 0,7 | 3,2 | 6,2 | 6,2 | 6,1 | 7,0 | 8,0 | 7,9 | -0,2 |
| Доруворӣ | 2,9 | 24,7 | 14,1 | 1,0 | 0,7 | 2,2 | 1,9 | 9,2 | 10,4 | 10,7 | 6,3 | 6,4 | 9,2 | 16,7 | 7,6 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,0 | -7,0 | 2,9 | 27,7 | 25,9 | 14,1 | 26,4 | 14,1 | 12,2 | 7,2 | 3,0 | 5,4 | 2,3 | 0,4 | 0,0 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,3 | 19,0 | 3,0 | 0,9 | 0,4 | -8,1 | -8,9 | -8,9 | -8,4 | -8,4 | -4,5 | -5,0 | -12,8 | -13,2 | -0,5 |
| Васоити нақлиёт | 0,9 | -2,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,1 | 4,4 | 4,4 | 5,2 | 5,2 | 8,3 | 8,1 | 6,9 | 2,1 | -1,8 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,5 | 7,6 | 7,1 | 8,6 | 7,3 | 9,1 | 11,9 | 8,4 | 8,3 | 8,7 | 8,5 | 8,5 | 7,8 | 6,9 | -0,5 |
| **Хизматрасониҳо** | **15,2** | **2,2** | **4,5** | **7,7** | **7,9** | **5,0** | **7,3** | **4,3** | **4,9** | **2,1** | **3,1** | **3,4** | **3,3** | **3,4** | **-0,6** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,2 | 3,2 | 9,8 | 17,5 | 17,1 | 11,7 | 20,5 | 11,3 | 10,8 | 9,8 | 9,6 | 12,3 | 10,5 | 9,4 | 0,0 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 14,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 1,4 | 4,6 | 5,0 | 5,0 | 5,0 | 5,0 | 6,5 | 6,5 | 3,3 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,7 | 20,1 | 5,1 | 9,1 | 11,6 | 8,4 | 9,5 | 9,5 | 9,4 | 8,4 | 8,4 | 8,7 | 8,7 | 8,2 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 2,6 | 0,0 | 28,6 | 14,7 | 15,0 | 15,0 | 14,9 | 14,7 | 14,9 | 14,6 | 14,6 | 14,6 | 14,4 | 14,4 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 14,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 0,0 |
| Газ | 1,1 | -6,3 | -6,6 | 40,1 | 35,7 | 8,5 | 52,3 | 8,7 | 6,2 | 2,8 | 0,9 | 14,1 | 4,8 | 0,5 | -0,2 |
| Нақлиёт | 4,4 | -2,3 | -1,4 | 2,8 | 5,0 | 0,7 | -0,6 | -0,7 | 2,9 | -4,8 | -0,7 | -2,4 | -1,0 | -0,2 | -2,5 |
| Алоқа | 1,6 | 0,8 | 0,0 | 1,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,0 | 0,1 | 0,0 | 0,0 |
| Маориф | 1,6 | 2,6 | 11,3 | 5,3 | 2,0 | 1,5 | 1,5 | 0,2 | 0,3 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 0,8 | 14,0 | 1,9 | 1,7 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,9 | 12,3 | 5,2 | 1,1 | 0,9 | 1,5 | 2,9 | 1,8 | 3,3 | 3,3 | 2,9 | 3,2 | 3,4 | 3,7 | 0,6 |

*** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо*

*Дар ҷадвали мазкур номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои истифодаи онҳо ба таври умум ё серистеъмоли аҳолӣ нишон дода шудааст. Аз ин лиҳоз, маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо